## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ. (ш. Душанбе, 2026 сол).**

**Мутобиқати мавзуъ ва мухтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти мазкур аз аҳаммияти ҳаётан муҳими муҳити зист барои рушди устувори ҷомеа ва таъмини шароити мусоиди зиндагии инсон бармеояд. Муҳити зист ҳамчун пояи асосии ҳастии инсон ва дигар мавҷудоти зинда, на танҳо шароити табиии зистро фароҳам меорад, балки ба сатҳи саломатии аҳолӣ, рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ низ таъсири бевосита мерасонад. Дар шароити муосир, ки бо рушди босуръати саноат, афзоиши аҳолӣ ва истифодаи аз меъёр зиёди захираҳои табиӣ тавсиф мешавад, таъсири инсон ба табиат рӯз то рӯз бештар гардида, масъалаи ҳифзи муҳити зист ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати миллӣ ва байналмилалӣ табдил ёфтааст. Зеро фаъолияти инсон ба дараҷае расидааст, ки метавонад ба вайроншавии мувозинати табиӣ ва ҳатто нобудшавии баъзе намудҳои мавҷудоти зинда оварда расонад. Аз ин лиҳоз, мушкилоти экологӣ хусусияти глобалӣ касб намуда, дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор гирифтааст ва зарурати ҳамкории байналмилалиро дар ин самт тақозо менамояд.

Дар баробари ин, рушди тамаддуни муосир бо афзоиши таъсири манфии инсон ба табиат, махсусан ба олами ҳайвонот, ҳамроҳ гардидааст. Ин ҳолат зарурати таҳкими механизмҳои ҳуқуқии ҳифзи гуногунии биологиро боз ҳам бештар менамояд. Аз ин лиҳоз, воситаҳои муҳими таъмини амнияти экологӣ ин муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҷавобгарии ҷиноятӣ барои кирдорҳое мебошад, ки ба муҳити зист зарар мерасонанд. Дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҷиноятҳои экологӣ, аз ҷумла шикори ғайриқонунӣ, ҷавобгарии мушаххас пешбинӣ шудааст. Ин тадбир ба ҳифзи олами ҳайвонот, нигоҳдории мувозинати экологӣ ва таъмини истифодаи

оқилонаи захираҳои табиӣ равона гардидааст. Ҳамзамон, ҷиноятҳои экологӣ, аз ҷумла шикори ғайриқонунӣ, дорои хусусияти латентӣ ва дар баъзе ҳолатҳо фаромарзӣ мебошанд. Ин хусусиятҳо мубориза бо онҳоро мушкилтар гардонида, зарурати истифодаи усулҳои муосири тафтишотӣ ва ҳамкории байналмилалиро ба миён меоранд. Аз ин рӯ, таҳқиқи аломатҳои таркибии чунин ҷиноятҳо, муайян намудани хусусиятҳои фарққунандаи онҳо ва таҳияи тавсияҳои амалӣ барои такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ аҳаммияти махсус дорад.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, метавон хулоса намуд, ки мавзуи таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ, такмили конунгузорӣ ва беҳтар намудани амалияи татбиқи он метавонад ба ҳифзи муҳити зист, таъмини амнияти экологӣ ва нигоҳдории гуногунии биологӣ мусоидат намояд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии натиҷаҳои бадастомада дар таҳқиқоти диссертатсионии Исломзода Илҳом Ислом пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки Ӯ кӯшиш намудааст масъалаи шикори ғайриқонуниро дар доираи як таҳқиқоти фарогир ва мукаммали илмӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад. Ба андешаи тақриздиҳанда, арзиши аслии кори мазкур дар он ифода меёбад, ки моҳияти ин кирдори ҷиноятӣ на танҳо аз нигоҳи ҳуқуқи ҷиноятӣ, балки дар ҳамбастагӣ бо равишҳои криминологӣ таҳлил гардида, заминаи мустаҳками назариявию методологӣ барои омӯзиши минбаъдаи масъала фароҳам оварда шудааст.

Қобили зикр аст, ки дар диссертатсия ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ вобаста ба шикори ғайриқонунӣ ба таври низомнок ва пайдарпай баррасӣ шудаанд. Муаллиф тавонистааст, ки бо такя ба таҳлилҳои илмӣ, аҳаммияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқии муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятиро барои чунин кирдорҳо асоснок намояд ва робитаи онро бо вазъи криминогенӣ ва таъмини амнияти экологӣ дар кишвар нишон диҳад.

Ҳамзамон, дар кори илмӣ диққати махсус ба омӯзиши равишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ равона гардидааст. Дар натиҷа, хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи татбиқи ин меъёрҳо муайян шуда, бо роҳи таҳлили муқоисавии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои аъзои ИДМ, ҷиҳатҳои мусбат ва камбудиҳои танзими ҳуқуқии соҳа ошкор карда шудаанд.

Ба андешаи тақриздиҳанда, яке аз дастовардҳои муҳими таҳқиқот баррасии муфассали унсурҳои таркибии ҷинояти мазкур мебошад. Муаллиф унсурҳое чун объект, предмет, тарафи объективӣ ва субъективиро дар заминаи

усулҳои муосири таҳлили ҳуқуқӣ мавриди омӯзиш қарор дода, ҳамчунин аломатҳои бандубасткунандаро, ки барои дуруст муайян намудани таркиби ҷиноят аҳаммияти муҳим доранд, асоснок намудааст.

Илова бар ин, дар диссертатсия хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии ҷиноятҳои вобаста ба шикори ғайриқонунӣ, инчунин хусуситҳои криминологии шахсияти ҳуқуқвайронкунанда (шикорчии ғайриқонунӣ) таҳлил гардидаанд. Натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки симои иҷтимоӣ-ҳуқуқии чунин шахсон дақиқтар муайян гардида, дар ин замина тадбирҳои самараноки пешгирӣ ва мубориза такмил дода шаванд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, ба андешаи тақриздиҳанда, мазмуну муҳтавои асосии навгонии илмии диссертатсияро инъикос намуда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Пеш аз ҳама, пешниҳод оид ба такмили мафҳуми шикори ғайриқонунӣ қобили дастгирист, зеро муаллиф маҳдудияти таърифи амалкунандаро асоснок намуда, онро бо дарназардошти аломатҳои муҳими ҳуқуқӣ ва ҳадафҳои содиршавии кирдор мукаммал гардонидааст.

Ҳамзамон, пешниҳодҳои марбут ба таснифи ҳуқуқии шикори ғайриқонунӣ имкон медиҳанд, ки моҳияти он ҳамчун ҷиноят ба муқобили амнияти экологӣ дақиқтар дарк карда шавад. Дар ин замина, ҷудо намудани аломатҳое, аз қабили зарари экологӣ, хусусияти зиддиҳуқуқии кирдор ва усулҳои гуногуни содиркунии он, аҳаммияти илмӣ ва амалӣ доранд.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ бо далелҳои муътамад анҷом дода шуда, дар натиҷа самтҳои мушаххаси такмили қонунгузории миллӣ пешниҳод гардидаанд. Пешниҳодҳо оид ба васеъ намудани диспозитсияи меъёр, тафриқанамоии таҳримҳо ва ворид намудани унсури барқарорсозӣ асоснок буда, метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқӣ мусоидат намоянд.

Дар баробари ин, пешниҳоди таҳрири нави меъёри ҷиноятӣ вобаста ба шикор ва муомилоти ғайриқонунии ҳайвоноти нодир, аз ҷумла муайян намудани ҷавобгарии мушаххас ва вазнинкунанда, аз ҷиҳати илмӣ асоснок буда, ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардидааст.

Дар маҷмӯъ, дараҷаи навгонии натиҷаҳои бадастомада ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар такмили фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ ва коҳиш додани сатҳи ин навъи ҷинояткорӣ нақши муассир гузоранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва тавсияҳои дар доираи диссертатсия пешниҳодгардида натиҷаи таҳқиқоти муназзам ва пайгиронаи илмӣ буда, дар заминаи омӯзиши

амиқи манбаъҳои ҳуқуқӣ ва таҳлили таҷрибаи амалии ҳуқуқтатбиққунӣ шакл гирифтаанд. Муаллиф зимни баррасии масъалаҳои мавриди таҳқиқ, ба далелҳои муътамади ҳуқуқӣ ва маводи воқеии судию тафтишотӣ такя намуда, кӯшиш кардааст робитаи мустаҳками миёни асосҳои назариявӣ ва татбиқи амалии онҳоро нишон диҳад.

Сатҳи эътимоднокии натиҷаҳои бадастомада, пеш аз ҳама, бо он тавсиф мегардад, ки онҳо маҳсули хулосабарориҳои умумӣ набуда, балки дар натиҷаи таҳлили низомноки қонунгузории амалкунанда, муқоисаи андешаҳои гуногуни илмӣ ва арзёбии таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба даст омадаанд. Дар раванди таҳқиқ, мавқеъҳои мухталифи илмӣ мавриди санҷиш қарор гирифта, натиҷаҳои пешниҳодшуда бо талаботи амалияи ҳуқуқӣ мутобиқ гардонида шудаанд.

Қобили зикр аст, ки тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф танҳо хусусияти назариявӣ надошта, ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси амалияи судӣ ва тафтишотӣ равона гардидаанд. Онҳо ба меъёрҳои қонуният, мутаносибият ва адолати иҷтимоӣ ҷавобгӯ буда, имкони истифодаи васеи онҳоро дар такмили қонунгузории миллӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқтатбиққунӣ фароҳам меоранд.

Дар умум, метавон изҳор дошт, ки хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда ба асосҳои мустаҳками илмӣ такя намуда, бо сатҳи баланди эътимоднокӣ фарқ мекунанд ва қодиранд ҳамчун заминаи назариявию амалӣ барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятию экологӣ ва такмили қонунгузорӣ истифода шаванд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори рисолаи илмии Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминологии он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, аз рӯйхати ихтисорот, муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва номгӯйи адабиёт (маъхазҳо) иборат буда, ҳаҷми умумии диссертатсия 188 саҳифаро дар бар мегирад.

Дар қисми муқаддимавии диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқот ба таври асоснок нишон дода шуда, омилҳо ва ҷанбаҳои муҳиме, ки зарурати анҷом додани ин таҳқиқотро ба миён овардаанд, мавриди шарҳу тавзеҳ қарор гирифтанд. Ҳамзамон, дар ин бахш мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети он, навгониҳои илмӣ, инчунин аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои ҳосилшуда инъикос ёфтанд.

Боби якуми диссертатсия таҳти унвони **«Танзими ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ: таҳлили назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ»** таҳия гардида, дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ ва амалӣ мебошад.

Боби мазкур аз се зербоб иборат буда, дар доираи он муаллиф заминаҳои иҷтимоии мукаррар кардани ҷавобгарии ҷиноятиро барои шикори ғайриқонунӣ мавриди баррасии амиқ карор додааст. Ҳамзамон, асосҳои назариявӣ ва масъалаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии мазкур ба таври муфассал таҳлил шудаанд. Дар баробари ин, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шикори ғайриқонунӣ бо конунгузории давлатҳои дигари аъзои ИДМ гузаронида шуда, хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи онҳо муайян гардидаанд.

Зербоби якуми диссертатсия ба таҳлили ҳамаҷонибаи заминаҳои иҷтимоии муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ бахшида шуда, аз нигоҳи илмӣ ва амалӣ аҳаммияти назаррас дорад. Муаллиф масъалаи мавриди таҳқикро дар заминаи тағйирёбии муносибати инсон ба муҳити зист ва афзоиши таъсири манфии фаъолияти инсон ба олами ҳайвонот баррасӣ намуда, зарурати танзими ҳуқуқии ин соҳа ва истифодаи воситаҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ба таври асоснок нишон додааст. Ҳамзамон, дар ин зербоб таваҷҷуҳи махсус ба масъалаҳои амнияти экологӣ ва ҳифзи гуногунии биологӣ зоҳир шуда, онҳо ҳамчун яке аз мушкилоти муҳимми ҷаҳони муосир арзёбӣ шудаанд. Муаллиф бо такя ба андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин меъёрҳои қонунгузории миллӣ, аз ҷумла Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва конунҳои соҳавӣ, моҳият ва аҳаммияти хукуки инсон ба муҳити зисти мусоидро асоснок менамояд (саҳ. 22).

Ҷиҳати мусбати зербоб дар он аст, ки муаллиф масъалаи криминализатсияи шикори ғайриқонуниро аз нигоҳи назариявӣ таҳлил намуда, маҳакҳо ва принсипҳои онро бо истифода аз назарияҳои илмии мавҷуда (аз ҷумла андешаҳои Г.А. Злобин, А.И. Коробеев ва дигарон) ба таври муфассал баррасӣ кардааст. Дар ин замина, мафҳуми «хавфи ҷамъиятӣ» ҳамчун меъёри асосии эътирофи кирдор ба сифати ҷиноят дуруст ва мантиқан шарҳ дода шудааст (саҳ. 23-25).

Ҳамзамон, муаллиф хусусиятҳои хоси шикори ғайриқонуниро нишон дода, таъсири манфии онро ба иқтисод, экология ва ҳаёту саломатии инсон равшан инъикос намудааст. Таъкид мегардад, ки чунин навъи ҷиноятҳо аксаран пинҳон мемонанд ва сатҳи баланди латентӣ доранд, ки ин ҳолат зарурати тақвияти назорат ва такмили механизмҳои пешгирии онҳоро тақозо менамояд.

Қобили зикр аст, ки дар зербоб масъалаи алоқамандии инсон ва муҳити зист дар доираи низоми ягонаи экологӣ баррасӣ гардида, нақши олами ҳайвонот ҳамчун ҷузъи муҳими биосфера ва зарурати ҳифзи он аз нигоҳи илмӣ асоснок карда шудааст (саҳ. 28).

Зербоби дуюми боб бошад, ба таҳқиқи амиқ ва ҳамаҷонибаи асосҳои назариявӣ ва механизми татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ бахшида шуда, аз лиҳози илмӣ арзиши баланд дорад. Муаллиф масъалаи мазкурро дар заминаи таҳлили назарияҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, таҷрибаи илмии муҳаққиқони хориҷӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ намудааст.

Дар зербоб масъалаи фарқгузории шикори қонунӣ ва шикори ғайриқонунӣ, инчунин муайян намудани ҳудуди байни ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ бо таҳлили муфассал баррасӣ шудааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки меъёри асосии чунин фарқгузорӣ дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии кирдор мебошад. Ин мавқеъ бо истинод ба меъёрҳои қонунгузорӣ ва назарияҳои илмӣ асоснок гардида, аҳаммияти муҳимми назариявӣ ва амалӣ дорад (саҳ. 35-39).

Қобили зикр аст, ки дар зербоб ба масъалаи таносуб ва ҳамгироии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ диққати махсус дода шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ хусусияти муҳофизатӣ дошта, дар ҳолатҳои хавфнокии баланд татбиқ мегарданд, дар ҳоле ки меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ на танҳо ҳифзкунанда, балки танзимкунанда ва пешгирикунанда низ мебошанд. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки нақши ҳар як соҳаи ҳуқуқ дар низоми умумии ҳифзи муҳити зист ба таври возеҳ муайян гардад.

Яке аз ҷанбаҳои назарраси дигар, ин таҳлили хусусияти бланкетии диспозитсияи моддаи 232 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки барои татбиқи дурусти ин меъёр зарурати муроҷиат ба санадҳои қонунгузории маъмурӣ ба миён меояд, зеро маҳз онҳо мазмуни нишонаҳои таркиби ҷиноятро мушаххас мегардонанд. Дар ин замина, масъалаи муайян намудани мақоми санадҳои зерқонунӣ ва таъсири онҳо ба ҳуқуқи ҷиноятӣ низ мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст. (саҳ. 44-45).

Дар ниҳоят зербоби сеюми боби якум ба масъалаи муҳими илмӣ ва амалӣ, яъне таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шикори ғайриқонунӣ бо қонунгузории давлатҳои дигари аъзои ИДМ бахшида шудааст. Зербоби интихобшуда дорои аҳаммияти баланд буда, ба шароити муосири рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ ва зарурати ҳамоҳангсозии қонунгузории миллӣ бо меъёрҳои байналмилалӣ пурра мутобиқ мебошад.

Муаллиф дар доираи мавзуи баррасишаванда нишон медиҳад, ки истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ барои муайян намудани бартарият ва камбудиҳои қонунгузории миллӣ аҳаммияти муҳим дорад. Бо такя ба андешаҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии ин

усул ба таври возеҳ шарҳ дода шудааст. Ин нишон медиҳад, ки муаллиф дорои дониши мукаммали методологӣ буда, аз усулҳои муосири таҳқиқоти илмӣ самаранок истифода мебарад. Ҳамзамон, таҳлили муфассали қонунгузории ҷиноятии як қатор давлатҳои аъзои ИДМ, аз ҷумла Арманистон, Белорусия, Қазоқистон, Қирғизистон, Молдова, Озарбойҷон, Федератсияи Россия, Туркманистон ва Узбекистон анҷом дода шудааст. Муаллиф на танҳо меъёрҳои ҳуқуқиро номбар мекунад, балки хусусиятҳои фарқкунанда, монандии сохтори моддаҳо, намудҳои ҷавобгарӣ, андозаи зарар ва тартиби муайян намудани онро низ таҳлил менамояд. Ин гуна баррасии муқоисавӣ имкон медиҳад, ки сатҳи илмии кори пешниҳодшуда баланд арзёбӣ гардад (саҳ. 53-62).

Хусусияти мусбати зербоб дар он аст, ки муаллиф ба таҷрибаи пешқадами кишварҳои дигар таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, имконияти татбиқи онро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад. Аз ҷумла, масъалаи мушаххас намудани мафҳуми зарари калон, такмили сохтори модда ва истифодаи механизмҳои иловагии ҳуқуқӣ ҳамчун самтҳои муҳим барои ислоҳоти минбаъда пешниҳод шудаанд.

Дар маҷмӯъ, боби мазкур ба таҳлили ҳамаҷонибаи асосҳои назариявӣ ва ҳуқуқии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шикори ғайриқонунӣ бахшида шуда, бо истифода аз усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ хусусиятҳо, мушкилот ва самтҳои такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро фароҳам меорад.

Боби дуюми диссертатсия таҳти унвони **«Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии шикори ғайриқонунӣ»** пешниҳод гардида, дар доираи он муаллиф бо такя ба муқаррароти моддаи 232 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба таркиби ҷинояти мазкурро ба таври фарогир ва амиқ мавриди таҳлил қарор додааст. Дар ин боб моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқии шикори ғайриқонунӣ аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи ҷиноятӣ баррасӣ шуда, ҷанбаҳои назариявию амалӣ ба ҳам пайваста таҳқиқ мегарданд.

Аз ҷумла, таваҷҷуҳи асосӣ ба муайян намудани объект ва предмети ҷинояти шикори ғайриқонунӣ равона гардида, аҳаммияти онҳо дар ташаккули таркиби ҷиноят ва фарқгузорӣ аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳои монанд нишон дода мешавад. Ҳамзамон, тарафи объективии ин ҷиноят бо дарназардошти шаклҳои зоҳиршавӣ, усул, восита ва шароити содиршавии он таҳлил гардида, аломатҳои ҳатмӣ ва иловагии он ба таври мушаххас шарҳ дода мешаванд.

Илова бар ин, дар боб аломатҳои субъективии шикори ғайриқонунӣ, аз ҷумла шакли гуноҳ, ният ва ангезаҳои содир намудани ҷиноят мавриди омӯзиши муфассал қарор гирифта, таъсири онҳо ба бандубасти кирдор асоснок карда мешавад. Ҳамчунин, аломатҳои бандубасткунандаи ҷинояти

мазкур, ки дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии онро зиёд менамоянд, бо овардани мисолҳо ва тавзеҳоти илмӣ баррасӣ мегарданд.

Зербоби якуми боби мазкур ба объект ва предмети шикори ғайриқонунӣ, ки яке аз масъалаҳои муҳим ва мураккаби илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад, бахшида шудааст. Дар зербоб мазмун ва моҳияти объект ва предмети ҷинояти шикори ғайриқонунӣ бо такя ба андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди баррасии амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф бо таври пайдарпай мафҳуми объекти ҷиноятро шарҳ дода, гуногунандешии мавҷударо дар илм нишон медиҳад ва дар асоси таҳлил мавқеи худро асоснок менамояд. Қобили зикр аст, ки таснифоти объект ба умумӣ, хелӣ, намудӣ ва бевосита бо далелҳои мушаххас тавзеҳ ёфта, робитаи онҳо бо ҷинояти шикори ғайриқонунӣ дуруст нишон дода шудааст.

Ҳамзамон, таҳлили объекти бевосита ва ҷудо намудани он ба объектҳои асосӣ, иловагӣ ва факултативӣ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок буда, аҳаммияти амалӣ дорад. Муаллиф тавонистааст, ки бо овардани нуқтаҳои назари гуногун ва муқоисаи онҳо хулосаҳои мустақили илмӣ пешниҳод намояд, ки арзиши таҳқиқотиро баланд мебардорад (саҳ. 64-67).

Дар баробари ин, предмети ҷинояти шикори ғайриқонунӣ низ бо фарогирии васеъ таҳлил гардида, аломатҳои ҳуқуқӣ ва экологии он ба таври мушаххас муайян карда шудаанд. Махсусан, ҷудо намудани ҳайвоноти ваҳшӣ дар ҳолати озоди табиӣ ҳамчун предмети асосии ҷиноят ва фарқгузории он аз ҳайвоноти хонагӣ ё моликиятӣ аз нуқтаҳои қавии ин зербоб ба ҳисоб меравад (саҳ. 80-81).

Дар зербоби дуюм масъалаи тарафи объективии ҷинояти шикори ғайриқонунӣ мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба андешаҳои олимони маъруфи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мазмун ва моҳияти ин унсури муҳими таркиби ҷиноятро шарҳ дода, онро ҳамчун ифодаи берунии кирдори ба ҷамъият хавфнок тавсиф намудааст. Қайд мегардад, ки тарафи объективӣ маҷмӯи аломатҳо, аз ҷумла кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибатҳои ҷамъиятии хавфнок ва робитаи сабабиро дар бар мегирад, ки ин равиш ба талаботи назарияи муосири ҳуқуқи ҷиноятӣ ҷавобгӯ мебошад (саҳ. 82).

Ҳамзамон, дар зербоб хусусиятҳои хоси тарафи объективии маҳз ҷинояти шикори ғайриқонунӣ баррасӣ гардида, муаллиф ба бланкетӣ будани меъёри моддаи 232 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон диққати махсус медиҳад. Ин нуқта ҳамчун яке аз паҳлуҳои муҳими илмӣ арзёбӣ гардида, зарурати муроҷиат ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои муайян намудани мазмуни пурраи ин ҷиноят асоснок карда шудааст (саҳ. 85).

Ҷиҳати мусбии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф на танҳо андешаҳои гуногуни олимонро муқоиса намудааст, балки мавқеи шахсии худро низ пешниҳод карда, ба масъалаҳои баҳснок, аз ҷумла муайян намудани «зарари калон», лаҳзаи анҷоми ҷиноят ва фарқгузорӣ байни ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ, таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст. Пешниҳодҳои илмии муаллиф оид ба такмили қонунгузорӣ, махсусан ворид намудани тағйирот ба моддаи 232 КҶ ҶТ ва муқаррар намудани меъёри алоҳида, аҳаммияти амалӣ доранд (саҳ. 97).

Зербоби сеюм ба таҳлили аломатҳои субъективии шикори ғайриқонунӣ бахшида шуда, аз нигоҳи илмӣ ва мантиқӣ яке аз қисматҳои муҳимми таҳқикот ба ҳисоб меравад. Дар он муаллиф тавонистааст, ки моҳияти равонӣ ва ҳуқуқии кирдори ҷиноятиро бо такя ба меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ва мавқеъҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба таври муфассал шарҳу тавзеҳ диҳад. Бартарии асосии зербоб дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф мафҳуми субъекти ҷиноят ва тарафи субъективиро на танҳо аз нигоҳи назариявӣ, балки дар иртибот бо хусусиятҳои хоси ҷинояти шикори ғайриқонунӣ таҳлил намудааст. Хусусан, баррасии масъалаҳои мукаллафӣ, синну соли ҷавобгарии ҷиноятӣ ва фарқгузорӣ миёни шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳамчун субъекти ҷиноят бо далелҳо асоснок карда шудааст (саҳ. 98-101).

Ҳамзамон, таҳлили масъалаи шаклҳои гунаҳгорӣ (қасд ва беэҳтиётӣ) ва баҳсҳои илмӣ оид ба он, ки шикори ғайриқонунӣ бо кадом шакли гуноҳ содир мегардад, яке аз ҷиҳатҳои пуркуввати зербоб мебошад. Муаллиф бо овардани мавқеъҳои гуногуни олимон ва пешниҳоди андешаи шахсии худ ба хулосаи мантиқӣ мерасад, ки ин ҷиноят асосан бо қасди бевосита содир карда мешавад. Ин хулоса бо таҳлили меъёрҳои ҳуқуқӣ ва таҷрибаи судӣ тасдиқ гардидааст (саҳ. 110-113).

Бартарии дигар дар он аст, ки муаллиф ба таври муфассал унсурҳои факултативии тарафи субъективӣ – мақсад, ангеза ва ҳолати эҳсосиро мавриди баррасӣ қарор дода, нақши онҳоро дар бандубасти ҷиноят ва таъйини ҷазо нишон медиҳад (саҳ. 113-115).

Зербоби чоруми боби дуюм бошад, аломатҳои бандубасткунандаи шикори ғайриқонунӣ номгузорӣ шуда, аз ҷиҳати мазмун ва фарогирии масъалаҳои ҳуқуқӣ яке аз қисматҳои муҳимми таҳқиқ ба ҳисоб меравад. Дар он муаллиф ба таври муфассал ҳолатҳои вазнинкунандаи таркиби ҷинояти шикори ғайриқонуниро таҳлил намудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки муаллиф танҳо ба номбар кардани аломатҳои вазнинкунанда қонеъ нашуда, балки моҳият, хусусият ва аҳаммияти ҳуқуқии ҳар як ҳолатро бо такя ба қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ баррасӣ кардааст.

Дар зербоб махсусан масъалаи истифодаи мақоми хизматӣ, содир намудани ҷиноят дар ҳайати гурӯҳ (бо маслиҳати пешакӣ ва гурӯҳи муташаккил), инчунин содир гардидани он дар ҳудудҳои махсус ҳифзшаванда мавриди таҳлили амиқ қарор гирифтааст. Муаллиф ду равиши назариявӣ – маҳдуд ва васеъро нисбат ба фаҳмиши истифодаи мақоми хизматӣ муқоиса намуда, бо далелҳои асоснок мавқеи васеъро ҷонибдорӣ кардааст, ки ин ба рушди андешаи илмӣ мусоидат менамояд (саҳ. 117-118).

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки боби дуюми диссертатсия бо фарогирии васеи масъалаҳо, таҳлили амиқ ва хулосаҳои асоснок сатҳи баланди омодагии илмии муаллифро инъикос намуда, барои рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмил додани қонунгузории ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад.

Боби сеюми диссертатсия **«Тавсифи криминологии шикори ғайриқонунӣ»** унвон гирифта, ба таҳлили ҳамаҷонибаи хусусиятҳои криминологии ин намуди ҷиноят бахшида шуда, аҳаммияти муҳими илмӣ ва амалӣ дорад. Дар доираи ин боб муаллиф ба омӯзиши сабабу шароитҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ, хусусиятҳои шахсияти ҷинояткор, инчунин омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва экологие, ки ба паҳншавии ин кирдор мусоидат мекунанд, диққати махсус додааст.

Зербоби якуми боби мазкур ба хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии шикори ғайриқонунӣ ва тавсифи криминологии шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ бахшида шудааст. Дар доираи он, муаллиф ба таҳлили амиқи ҷинояти мазкур аз нигоҳи криминологӣ пардохта, кӯшиш намудааст, ки моҳият, паҳншавӣ ва омилҳои ташаккули он дар ҷомеа ба таври мукаммал равшан гардад. Бартарии асосии зербоб дар он зоҳир мегардад, ки масъала на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки бо такя ба маълумоти оморӣ ва таҳлили парвандаҳои ҷиноятӣ баррасӣ шудааст, ки ин ба хулосаҳои пешниҳодшуда эътимоднокӣ мебахшад (саҳ. 133-136).

Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки шикори ғайриқонунӣ ҳамчун як навъи ҷинояти экологӣ дорои хусусияти мураккаб буда, ҳам ба табиат ва ҳам ба манфиатҳои иҷтимоии инсон таъсири манфӣ мерасонад. Дар баробари ин, баррасии масъалаи латентнокӣ яке аз ҷиҳатҳои муҳими илмии таҳқиқот ба ҳисоб меравад, зеро маҳз ҳамин омил монеаи дарки воқеии миқёси ҷиноят мегардад (саҳ. 141-142).

Қобили зикр аст, ки дар зербоб ба тавсифи криминологии шахсияти шикорчии ғайриқонунӣ диққати махсус дода шудааст. Муаллиф бо истифода аз нишондиҳандаҳои демографӣ, иҷтимоӣ ва равонӣ симои умумии чунин шахсонро муайян намуда, нишон медиҳад, ки аксарияти онҳо мардони синни қобили меҳнат, дорои сатҳи пасти маълумот ва мушкилоти иҷтимоию

иқтисодӣ мебошанд. Ин равиш имкон медиҳад, ки сабабу омилҳои содиршавиҷи ҷиноят амиқтар дарк карда шаванд (саҳ. 143).

Зербоби дуюми боби сеюми диссертатсия бошад, ба сабабҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ ва роҳҳои пешгирии он бахшида шуда, он ба яке аз масъалаҳои муҳими илми криминология ва ҳуқуқи экологӣ, яъне таҳлили сабабҳо, шароитҳо ва роҳҳои пешгирии шикори ғайриқонунӣ равона гардидааст. Муаллиф бо истифода аз маводи илмии муосир ва омӯхтани парвандаҳои ҷиноятии марбут ба моддаи 232 КҶ ҶТ, кӯшиш намудааст, ки моҳияти сабабҳои ин намуди ҷиноятро ҳамаҷониба таҳлил намояд. Хусусияти мусбати кор дар он зоҳир мегардад, ки сабабҳо ва шароитҳои содиршавии шикори ғайриқонунӣ на танҳо дар заминаи омилҳои ҳуқуқӣ, балки дар иртибот бо омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ баррасӣ шудаанд. Ин равиш ба амиқтар дарк намудани табиати ҷиноят мусоидат мекунад (саҳ. 150).

Ҳамзамон, дар зербоб масъалаҳои пешгирии ҷинояткорӣ бо такя ба назарияҳои муосири криминологӣ ба таври муфассал шарҳ дода шуда, фарқияти мафҳумҳои «пешгирӣ», «профилактика» ва «роҳ надодан» дуруст асоснок карда шудааст. Муаллиф тавонистааст, ки низоми чорабиниҳои пешгирикунандаро ба умумӣ ва махсус ҷудо намуда, ҳар яки онҳоро бо мисолҳои мушаххас ва пешниҳодҳои амалӣ тақвият бахшад. Пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ, баланд бардоштани ваколатҳои мақомоти ҳифзи муҳити зист ва таҳкими ҳамкории байниидоравӣ низ аҳаммияти махсус доранд.

Ҳамчунин, муаллиф ба масъалаи таъминоти моддию техникии мақомоти ваколатдор ва зарурати муҷаҳҳазгардонии онҳо бо воситаҳои муосири назорат ва тафтишот таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намудааст. Ин нукта аз он шаҳодат медиҳад, ки таҳқиқот танҳо хусусияти назариявӣ надошта, балки ба ҳалли мушкилоти воқеии амалия низ равона гардидааст. Пешниҳодҳо оид ба густариши ваколатҳои мақомоти назорати шикор ва вогузории баъзе салоҳиятҳои тафтишотӣ ба онҳо низ ҳамчун пешниҳоди ҷолиб ва баҳсталаб арзёбӣ мешаванд, ки метавонанд замина барои такмили минбаъдаи қонунгузорӣ гарданд (саҳ. 151-153).

Дар маҷмӯъ, боби сеюми диссертатсия, ки ба тавсифи криминологии шикори ғайриқонунӣ бахшида шудааст, бо мазмуни баланди илмӣ, таҳлили амиқ, ва пайдарҳамии мантиқӣ таҳлил шуда, сатҳи баланди омодагии илмии муаллифро нишон медиҳад. Натиҷаҳо ва хулосаҳои пешниҳодгардида дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд дар такмили қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва рушди минбаъдаи таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи экологӣ низ мавриди истифода қарор гиранд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар доираи он масъалаҳои мубрами марбут ба муқовимат бо шикори ғайриқонунӣ аз нигоҳи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология ба таври низомнок ва ҳамаҷониба мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот тавонистааст моҳият ва хусусиятҳои ҳуқуқии ин намуди ҷиноятро амиқ баррасӣ намуда, заминаҳои назариявии ҷавобгарии ҷиноятиро такмил бахшад. Ҳамзамон, муайян намудани маҷмӯи омилҳо ва шароитҳои мусоидаткунанда ба содиршавии шикори ғайриқонунӣ ба рушди минбаъдаи назарияи криминологӣ дар самти ҷиноятҳои экологӣ мусоидат менамояд.

Ҷанбаи амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои бадастомада ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавонанд дар фаъолияти ҳаррӯзаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, сохторҳои назорати экологӣ ва дигар субъектҳои ваколатдор ба таври васеъ истифода шаванд. Аз ҷумла, онҳо метавонанд дар такмили усулҳои пешгирӣ, баланд бардоштани самаранокии ошкорсозӣ ва беҳтар намудани раванди тафтишоти чунин ҷиноятҳо нақши муҳим бозанд. Пешниҳодҳои коркардашуда оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ метавонанд барои мукаммалсозии заминаи ҳуқуқии мубориза бо шикори ғайриқонунӣ заминаи боэътимод фароҳам оваранд.

Аҳаммияти иқтисодии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегарданд, ки татбиқи чораҳои пешниҳодшуда ба коҳиши зарари иқтисодие, ки аз шикори ғайриқонунӣ ба давлат расонида мешавад, мусоидат мекунад. Ҳифзи самараноки захираҳои биологӣ ва таъмини истифодаи оқилонаи онҳо метавонад ба нигоҳдории иқтидори табиии кишвар ва рушди устувори бахшҳои вобаста ба он мусоидат намояд.

Аз нигоҳи иҷтимоӣ, таҳқикоти мазкур ба таҳкими арзишҳои ҳуқуқмеҳварона дар ҷомеа ва баланд бардоштани сатҳи маърифати экологӣ мусоидат мекунад. Пешниҳодҳо ва хулосаҳои муаллиф метавонанд барои ташаккули ҳисси масъулият нисбат ба муҳити зист ва тарбияи муносибати эҳтиёткорона ба олами ҳайвонот дар байни аҳолӣ замина фароҳам оваранд. Ин раванд, дар навбати худ, ба таъмини суботи иҷтимоӣ, ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ ва нигоҳдории мувозинати экологӣ мусоидат менамояд.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқот дорои хусусияти комплексӣ буда, метавонанд дар такмили сиёсати давлатӣ дар самти ҳифзи муҳити зист, рушди фарҳанги экологӣ ва таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ саҳми назаррас гузоранд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Нуктаҳои асосии назариявӣ ва амалии ба ҳимоя пешниҳодшудаи муаллиф дар 11 мақолаи илмӣ, ки аз он 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд.

Шумораи маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, инчунин тавсияву пешниҳодҳои амалии ишорашуда дар якҷоягӣ бо мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ саҳми шахсии муаллифро собит месозанд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби пешбурди таҳқиқоти илмӣ низ мустақилият ва саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Сарфи назар аз арзёбии умумии мусбат, ки дар тақриз баён гардидааст, дар рисолаи мазкур баъзе норасоиҳо ва масъалаҳои баҳсталаб низ мушоҳида мешаванд, аз ҷумла:

1. Муаллиф дар нуктаи якуми ба ҳимоя пешниҳодшуда таъкид менамояд, ки мафҳуми шикори ғайриқонунӣ, ки дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шикор ва хоҷагии шикор» муқаррар гардидааст, маҳдуд буда, моҳияти пурраи онро ифода намекунад ва дар ин замина таърифи нави мафҳуми мазкурро пешниҳод менамояд (саҳ. 14). Аммо дар матни нуктаи мазкур асосноккунии муфассали он, ки кадом ҷиҳатҳои мафҳуми амалкунанда нокифоя мебошанд, ба таври пурра нишон дода нашудааст. Аз ин рӯ, аз муҳаққиқ пурсида мешавад, ки ҳангоми ҳимояи диссертатсия оиди ин масъала бо далелҳои мушаххас равшанӣ андозад.

2. Муаллиф дар матни диссертатсия пешниҳод менамояд, ки ба мақомоти назорати шикор ваколатҳои мақомоти таҳқиқ, ки дар қ. 3, м. 40 КМҶ ҶТ пешбинӣ шудаанд, вогузор карда шавад. Бо дарназардошти он ки мақомоти назорати шикор аслан мақоми назоратӣ буда, дорои таҷриба ва имкониятҳои

кофии мурофиавӣ-таҳқиқӣ нест. (саҳ. 151 дисс.). Аз ин лиҳоз, ба назари тақризкунанда, муҳаққиқ метавонад ҳангоми ҳимоя шарҳ диҳад, ки чӣ гуна меъёри пешниҳодшуда бо моддаи амалкунандаи қонунгузории ҷиноятӣ ҳамоҳанг карда мешавад.

3. Дар матни диссертатсия муҳаққиқ қайд менамояд, ки ҳангоми иштирок намудани якчанд шахс дар марҳилаҳои гуногуни шикори ғайриқонунӣ (масалан, шикор, интиқол ё фурӯши сайд) ҳамаи онҳо ҳамчун ҳамиҷрокунандагон бояд ба ҷавобгарӣ кашида шаванд. Вобаста ба ин, муҳаққиқ метавонад ҳангоми ҳимоя шарҳ диҳад, ки оё чунин хулоса бо принсипи фарқгузории шаклҳои иштирок дар ҷиноят (ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ) мухолифат намекунад? (саҳ. 129 дисс.).

Дар маҷмуъ, эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи макурро коҳиш надода, ба мазмун ва аҳаммияти умумии он таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар умум, диссертатсияи Исломзода Илҳом Ислом дар мавзуи «Шикори ғайриқонунӣ: ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва криминолоргии он», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси зикршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент,
мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва
ҳуқуқи муосири Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Бобоҷонзода И.Ҳ.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Асадулло Ғуломов, 13
Тел.: (+992) 907-89-11-70; Email: bobojonov_i@mail.ru

**Имзои Бобоҷонзода И.Ҳ.-ро тасдиқ мекунам:**
Нозири калони кадрҳои Институти давлат ва ҳуқуқи
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Давлатмуродзода Б.Д.

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 19
Тел. 221-65-72
«06» 04 2026 сол.